**Камол Насрулло**



# БАХОИ ЧОН



Тифли Истиқлоли мо имсол 21-сола шуд. Ба балоғат расид. Бояд бо ӯ худшиносии ин наврас, маърифату маънавиёти ӯ низ ба балоғат расида бошад. Бояд ба ӯ илму донишу ҷаҳонбинии ӯ низ ба балоғат расида бошад. Чун ӯ ҳанӯз 21-сола, айни замони худсозиҳои ӯст. Фардои ин диёр, ин миллат аз рушди имрӯзаи ӯ вобастагӣ дорад. Бинобар ҳамин вақте ки мо дар бораи истиқлол сухан мегӯем, ин вожаро набояд осону арзон, балки бо тамоми дарки маънӣ ва масъулият ба забон орем.

*Камол Насрулло*

**КИТОБРО ДАР МӮҲЛАТИ ҚАЙДШУДА БАРГАРДОНЕД**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

ҶДММ «Ҳоҷӣ Ҳасан»

ISBN978-99947-53-57-

**Камол Насрулло**

# Бахои ҷон



ТҶБ «Истиқбол»
Душанбе-2012

# ПАРЧАМИ ТОҶИКИСТОН



Рамзи саодати мост
Ин парчами парафшон,
Рамзи сафои миллат,
Рамзи шукӯҳи имон.

Аз сурхрӯии мост
Он ранги сурхи рӯяш,
Чун рамзи ҷоннисорист
Дар маслаки накӯяш.

Ранги сафед покист,
Рамзи раҳи умед аст.
Чун шири поки модар
Бунёди мо сафед аст.

Чун ҳаст Тоҷикистон
Як мулки сабзу хуррам,
Рамзи нумӯи миллист
Ин ранги сабзи парчам.

Ҳафт ахтарест дар он
Як осмон нигаҳбон,
Ҳафт ахтари саодат
Мерос аз ниёкон.

Дар ҳифзи номи кишвар
Омодаем бо ҷон,
Дар зери парчами худ
Бо номи Тоҷикистон.

# ШОНИ МУАЛЛИМ

Баланд аст аз фалак шони муаллим,
Бувад ҷонбахши мо ҷони муаллим.
Набошад неъмате дар ҳар ду олам
Ҳалол аз пораи нони муаллим.
Бидон инро, ки виҷдони ҳама халқ
Бувад аз рӯи виҷдони муаллим.
Агар фардои меҳанро биҷӯӣ,
Биёб аз файзу эҳсони муаллим.
Агар армони меҳанро бихоҳӣ,
Бидон аввал ту армони муаллим.
Каму беши замонро рост кардан
Тавон танҳо ба мизони муаллим.
Куҷо ояндаи рӯшан тавон дид,
Набошад нури чашмони муаллим?
Ягон ҳосил ба хоки мазраъи табъ
Магар рӯида бе дони муаллим?
Бидон, парвозгоҳи миллати мо
Бувад дар рӯи дастони муаллим!





# ДАР БАҲОИ ҶОН

Он чист, ки марзи шаъну шон аст? – Ватан!
Имону амони мо дар он аст? – Ватан!

Он чист, ки бе вай ҳама чизи олам
Бе ҳусну таровату равон аст? – Ватан!

Он чист ба ҳаҷр зинда дорад ёдаш,
Чун шаҳд ҳамеша дар забон аст? – Ватан!

Аз подшаҳӣ ба мулки ғурбат болост,
Хокаш зи ҳама ганҷ гарон аст? – Ватан!

Он чист, ки маънои тамоми ҳастӣ
Дар маънии поки он ниҳон аст? – Ватан!

Сарбайти суруди безаволи ҳастист,
Сарманшаи ишқи ҷовидон аст? – Ватан!

Ҳам қиммату ҳам ҳиммату ҳам ҳикмати ту
Дар ваҳдати ҷони ӯ ниҳон аст? – Ватан!

Он чист, ба ҳеч қиммате нафрӯшанд,
Он чист, ки дар баҳои ҷон аст? – Ватан!

## ЁДИ ВАТАН

Тифлро новаки пистон Ватан аст,
Мардро қалъаи виҷдон Ватан аст.

Ташнаро косаи обе дами марг,
Гушнаро як лабаки нон Ватан аст.

Беватан бе шарафу бе ном аст,
Ҳастиву давлати инсон Ватан аст.

Падару модари ту, додари ту,
Тифлаки ту ба дабистон Ватан аст.

Охирин нури чароғи ҳастӣ
Дар дилу ёди ғарибон Ватан аст.

Ғайрату зӯру ҷасорат, дили пур
Қуввати ҷони далерон Ватан аст.

Дар Ватан беватанон бисёранд,
Мардро домани имон Ватан аст.

Мурдаро зинда кунад ёди Ватан,
Ҷони ҷон дар тани инсон Ватан аст.





# ШУКӮҲИ БАХТИ ТОҶИКОН

Шукӯҳи тоза медамад
Зи тоҷу тахти тоҷикон.
Дари умед боз шуд
Ба рӯи бахти тоҷикон.

Бихез, ҳамватан, бихез!
Ки рӯзи нав расидааст.
Сафои субҳи асри нав
Ба рӯи мо дамидааст.

Навои ростон бубар!
Паёми бостон бубар!
Бар осмону бар замин
Футӯҳи тоҷикон бубар!

Биё, ки дар саломи мо
Фари ҳазорсолаҳост.
Диёри Бӯалист ин,
Замини ҳиммати Худост.

Раҳи муроду дӯстист
Раҳи нави диёри мо,
Саломи сабзи ишқ бар
Ба олам аз баҳори мо.

Биё, ки баъди асрҳо
Шукӯҳи бахти мо расид.
Биё, ки нусрати Худо
Ба тоҷу тахти мо расид.



## ТОҶИКИСТОН, ОРИЁНО, ОРИЁН

Бо дурахши парчами озодагон,
Бо фурӯғи тозаи тоҷи каён
Зинда гаштӣ дар вуҷуди тоҷикон,
Тоҷикистон, Ориёно, Ориён!

Эй сафои рӯят аз рӯи хирад,
Буд минои ту «Минӯи хирад».
Ин наҷобатро бубар то ҷовидон,
Тоҷикистон, Ориёно, Ориён!

Ҳамчу нур аз озарахши бостон,
Ҳамчу файз аз остони ростон,
Нури адл афрӯз дар рӯи ҷаҳон,
Тоҷикистон, Ориёно, Ориён!

Эй ту покии дилу рӯҳу забон,
Эй наҷиб, эй арҷманд, эй покҷон,
Боз оламро зи торикӣ раҳон,
Тоҷикистон, Ориёно, Ориён!

Боз эҳё шав ту бо пиндори нек,
Бо маниши нек, бо гуфтори нек.
Эй паёми ваҳдати рӯи ҷаҳон,
Тоҷикистон, Ориёно, Ориён!

Хоку обу оташу боди ту пок,
Дар Замину дар Замон ёди ту пок.
Пайки хуршеди хирад! Поянда мон!
Тоҷикистон, Ориёно, Ориён!





# ИСТИҚЛОЛИ ТОҶИК

Муборак бод истиқлоли тоҷик!
Шукӯҳи нусрату иқболи тоҷик!

Ки аз Зардушту Деваштич як умр
Фари некист дар аъмоли тоҷик.

Ягон миллат бад-ин сахтии қисмат
Надорад нусрате тимсоли тоҷик.

Ба рӯзи бенавоӣ ҳам навояш
Навиди орзуст аз ҳоли тоҷик.

Чу ӯ аз зоти Симурғ аст имрӯз
Қавипарвоз бодо боли тоҷик.

Ба тӯмори китоби шеъри Ҳофиз
Ба некӣ ёфтам ман фоли тоҷик.

Агар сад қарн истиқлол ҷустаст,
Бихез, акнун ба истиқболи тоҷик.

Чу Сино рӯяд аз ӯ марди олӣ,
Дар олам то даме ҳаст оли тоҷик.

Бидон, аз ганҷу дороии дунё
Китоби илм буда моли тоҷик.

Дари сад қарни фарҳанги тамаддун
Ба фардо боз кард имсоли тоҷик.



## ВАТАН ДАР ҶОН

Ватан – ҷоне, ки дар ҷони ману туст,
Ватан – ноне, ки дар хони ману туст.

Ватан ойинаи оби зулол аст,
Ватан покии виҷдони ману туст.

Ватан як пораи нури илоҳист,
Шабафрӯзи шабистони ману туст.

Ватан ишқ аст, ишқи ёри ҷонист,
Ватан ҷонона ҷонони ману туст.

Ватан пайваста пайки родмардист,
Ба по истода паймони ману туст.

Ватан он моми пир, он тифли маъсум,
Ватан дар рӯи дастони ману туст.

Дили ӯ дар дили мо мезанад дил,
Ватан дар хуни шарёни ману туст.

Ватан гуфтан кам аст, эй ҷон, Ватан бош!
Ватан дар шонаву шони ману туст...



## ҶАШНИ ВАҲДАТ

Ин сафои бахт, ин фирӯзии имони мост,
Ҷашни Ваҳдат, ҷашни нузҳат, ҷашни шаъну шони мост.

Ҷашни фарзандони қурбонгашта дар роҳи мурод,
Зинда монда дар шукӯҳи мардуми олинажод.

Ҷашни он оби парешоне, ки бо ҳам ошност,
Ҷашни ин марзе, ки хоки ӯ назаргоҳи Худост.

Ҷашни рӯзу рӯзии мо, рӯзгори васли мост,
Ҷашни эҳёи асолат, бозтоби асли мост.

Ҷашни файзи субҳи сулҳу бозгашти офтоб,
Ҷашни фатҳи ҳикмату ин чеҳраҳои бениқоб.

Ҷашни пирӯзии ному тоҷу тахти тоҷикон,
Ҷашни нурафшонии хуршеди бахти тоҷикон.

Ваҳдат ин осоиши ҳар хонадони тоҷик аст,
Рӯшании эзадӣ дар ҷисму ҷони тоҷик аст.

Аз Бадахшону Зарафшон, Суғду Хатлону Ҳисор
Бораи нанги ватан шуд шонаи мардони ор.

Аз дили таърих бо набзи бузургони диёр
Мерасад пайки саодат, шодбоши ифтихор.

Бар замини Тоҷикистон нури Раҳмон мерасад,
Дил ба армон, сар ба сомон, ҷон ба ҷонон мерасад.


Камол Насрулло
БАҲОИ ҶОН
(маҷмӯаи шеърҳо барои наврасон)
ТҶБ «Истиқбол», 2012, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии
Шерозӣ, 16 Тел: (99237) 238-53-01, (918) 82-94-75
E-mail: Istiqbol.tj@list.ru Website: www.istiqbol.org

Муассис: Латофат
Муҳаррир: Юсуфҷон Аҳмадзода
Мусаввир: Абдусалом Абдуллоев
Ороишгар: Комрони Раҳмон
Мусаҳҳеҳ: Ганҷина Муллоҷонова

ISBN978-99947-53-57-4

Ба чоп 15/02/2012 супорида шуд. Ба чопаш 25/02/2012 имзо шуд. Андозаи 60x84 $^1/_{16}$ Коғази офсет №1. Ҷузъи чопию ҳисоби 2,5. Адади нашр 5000 нусха. Нархаш шартномавӣ.